**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, Ҷурахонзода Баҳодур Ҷурахон ба диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини рушди иқтисоди миллӣ ин тақвият додани сарчашмаҳои даромад ва дар ҳамин замина, маблағгузории чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ барои устуворгардонии буҷети сатҳҳои гуногун ба шумор меравад. Масъалаи мазкур пайваста мавриди роҳандозии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаҳо ва стратегияҳои рушд қарор дорад. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳалли масъалаҳои тақвият додани иқтидори андозӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва марказӣ ҳисобида мешавад. Аз ҷумла, чунин қайд гардидааст, ки "ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳо ба инобат гирифта шуда, воридоти андозҳо ба низоми мақомоти худидоракунии маҳаллӣ таъмин мегардад, ки онҳо хизматрасониҳои босифатро пешниҳод мекунанд, инчунин аз нуқтаи назари аҳолӣ мушкилоти пайдошудаи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологиро фавран ҳаллу фасл мекунанд". Ҳамин тариқ, аз ин нуқтаи барномавии зикргардида чунин бармеояд, ки татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфта, зарурати омӯзиш ва таҳқиқи он дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он ба миён омадааст.

Дар диссертатсия хусусият, омилҳо ва усулҳои муқоисавии таҷрибаи арзёбии иқтидори андозии минтақа ошкор карда шудааст, ки онҳо ба асоси ташаккули иқтидори андозҳо тавсиявӣ мебошанд.

Асосҳои назариявӣ ва методии тадқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҳлилҳои институтҳои соҳавӣ ва нашри мақолаҳои илмӣ-амалӣ оид ба ҷанбаҳои минтақавии андозбандӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми иҷроиши таҳқиқот аз ҳисоботҳои даврии Кумитаи андози назди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст.

Дар раванди тадқиқот асоснокунии хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф бо ҳаҷми кофии маълумотҳои оморӣ тасдиқ карда шудааст. Муаллиф дар сатҳи зарурӣ усулҳои тадқиқоти илмиро фаро гирифтааст, дараҷаи лозимии омодагиро барои пешбурди тадқиқотҳои амиқи илмӣ доро мебошад ва аз донишҳо дар самти андозбандӣ махсусан ҷанбаҳои минтақавӣ бархурдор мебошад. Натиҷаҳои амалии таҳқиқот аз истифодаи усулҳои ҳисобкунии

иқтидори андозии минтақа, муқоисаи онҳо, таҳияи модели эконометрикӣ ва тавсияҳо оид ба муайян кардани муносибатҳои андозбандӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори андозии минтақаи Хатлон бармеоянд.

Чунин мешуморем, ки Баротов Амирхон Холмирзоевич аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, диссертатсияи худро дар мавзуи аҳамиятноку мубрами тадқиқотӣ таҳия намудааст. Ба ӯ муяссар шудааст, ки дар диссертатсияи худ мушкилотхои ташаккули иқтидори андоз дар сатҳи минтақа ошкор ва тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи ин соҳаи муҳими кишвар таҳия намояд.

Дар маҷмуъ диссертаисия аҳамияти кифояи илмӣ ва назариявию амалиро дорост ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида барои ба муҳокимаи ошкоро пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки Баротов Амирхон Холмирзоевич соли 2003 ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ дохил шуда, соли 2009 донишкадаи мазкурро хатм намудааст, ин шаҳодат медиҳад, ки унвонҷӯ аз даврони донишҷуиаш дар самти андоз таҳқиқот бурда истодааст.

Аз соли 2014 фаъолияти меҳнатии худро оғоз карда дар вазифаҳои гуногун фаъолият кардааст. Солҳои 2014-2015 ҳамчун эдвайзери факултети молия ва қарзи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст. Солҳои 2015-2020 эдвайзер дар самти тарбияи факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2020-2024 ба ҳайси эдвайзери самти таълими шуъбаи фосилавии факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Номбурда аз январи соли 2024 то инҷониб ҳамчун эдвайзери самти таълими шуъбаи фосилавии факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ то имрӯз Баротов А.Х. 13 мақолаи илмӣ аз ҷумла 7 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва нашр намудааст. Мавзуи диссертатсия дар алоқамандӣ бо имконятҳои илмию эҷодӣ ва дараҷаи фикронии Баротов Амирхон Холмирзоевич мувофиқ интихоб шудааст. Аз ин ҷост, ки унвонҷӯ тавонистааст дар гузориш ва натиҷагирӣ аз мақсад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ муваффақ шавад.

Дар маҷмуъ, рисолаи номзадии Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолахои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.и., дотсент
декани факултети менеҷмент
ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ **Ҷурахонзода Б.Ҷ.**

Дурустии имзои **Ҷурахонзода Б.Ҷ.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ **Мирҷамолов М.А.**

30.08.2024с